**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия.** Мавзӯи дар маркази таҳқиқоти диссертатсионии Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад қароргирифта бешубҳа, мубрам буда, он мавзӯи актуалӣ ва ҷавобгӯи шароити кунунии тараққиёт ва рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир, бо дарназар гирифтани мизони қобили таваҷҷуҳи афзоиши сатҳу сифати саноат, ворид гардидани технологияҳои навину пешрафта ба истеҳсолот ва зарурати истифодаи қувваи ҷисмонии инсон метавон қайд намуд, ки бинобар коҳиш ёфтани мизони ширкати инсон дар бештари марҳила ва равандҳои истеҳсолот, коҳиш ёфтани нархи маҳсулот ҳамзамон, ба афзоиши сифат ва шумораи он мусоидат намудааст. Ин омил дар навбати худ боиси он гардидааст, ки дар солҳои ахир, тавре, ки ба мушоҳида мерасад, истеҳсол ва фурӯши воситаҳои гуногуни нақлиёт барои аҳолӣ зиёд шуда, интизор меравад он дар оянда низ раванд ва тамоюли рӯ ба афзоишӣ касб намояд. Дастрасии нархи воситаҳои нақлиёт ва хубтар шудани сифати роҳҳои мошингард боиси он гардидааст, ки шумораи воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон дар муқоиса бо 15-20 соли сипаришуда хеле афзоиш ёфтааст. Аз сӯи дигар, ин нукта лозим ба зикр аст, ки бинобар боло рафтани теъдоду миқдори нақлиёт дар кишвар, ҳамчунин ҳолату мавридҳои риоят нашудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ низ ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Яъне, ба иборати дигар, ба миён омадани чунин вазъи номатлуб боиси афзудани мавридҳои риоят нашудани қоидаҳои дахлдор дар заминаи истифодаи нақлиёт, нодида гирифтани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва афзоиши ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳои вобаста ба истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ин самт шудааст.

Қоидаҳое, ки дар ҳоли ҳозир вобаста ба истифодаи нақлиёт корбурд мешаванд, дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайяне пешбинӣ шудаанд. Ҳамзамон, лозим ба зикр аст, ки дар натиҷаи риоят нашудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз лиҳози қонунӣ муносибатҳои муайяни гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ шакл мегиранд. Сарфи назар аз он ки аксари кирдорҳои ҷиноятӣ бинобар беэҳтиётии ашхос содир мешаванд, аммо бо вуҷуди ин, лозим ба зикр аст, ки хавфи ҷамъиятии онҳо назаррас мебошад. Аз ин рӯ, андешидани чораҳои лозим дар ин самт бо мақсади паст кардани сатҳи содиршавии чунини ҷиноятҳо, бахусус, мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба талаботи замони муосир, бояд дар madди назари масъулон ва мақомоти дахлдор қарор бигирад. Дар баробари ин, зарурати таҳлили илмӣ-назариявии асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт масъалаи рӯзмарра ва актуалӣ боқӣ мемонад, ки ба он муаллиф дар муқаддимаи рисолаи худ таъкид намудааст. Хусусияти бланкетӣ доштани аксари меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро пешбинӣ мекунанд, зарурати ба назар гирифтани онҳоро низ ба ҳангоми татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба миён меорад. Тавре маълум аст, аз қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисту се сол сипарӣ шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар он давра, яъне тайи солиёни гузашта сатҳи содиршавии ҷиноят ва танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт боиси пеш омадани мушкил намешуд. Аммо дар давраҳои мухталифи татбиқи он, камбудиҳои муайян ошкор шуданд. Ҳамчунин дар ин давра, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар таҳрири нав қабул шудаанд, ки ин аз мубрам будани мавзӯи интихобнамудаи муаллифи рисола дарак медиҳад.

Аз ҷониби муаллиф ба мубрам будани мавзӯъи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври дурусту комил ишора шудааст. Муаллиф ба таври кофӣ ва қонеъкунанда дар қисмати муқаддимавии кор бо овардани нишондиҳандаҳои муайяни омори расмӣ ва иттиллооти манбаъҳои дигар, асоснок будани далелҳои матраҳшуда дар таҳқиқоти мавриди назарро собит намудааст.

**Дараҷаи навгонии диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** дар он ифода меёбанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мебошад.

Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажӯҳишҳои илмие ба ҳисоб меравад ва он аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳ гардида дорои аҳамият ва арзиши хоси илмист. Дар қисматҳои мухталифи диссертатсия 11 нуктаи илмии дорои аҳамияти назариявию амалӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд. Хусусан, даврабандии таърихи рушди меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, ба гурӯҳҳо ҷудо намудани қонунгузории ҷиноятии давлатҳои – аъзои ИДМ вобаста ба дараҷаи муайяни аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, муқаррар намудани меъёри ҳавасмандгардонӣ нисбати шахсе, ки кирдори пешбининамудаи м. 212 КҶ ҶТ-ро содир менамояд, баррасии тамоми чораҳои имконпазир ҷиҳати расонидани ёрӣ ба шахси ҷабрдида, пешбинӣ шудани мафҳумҳои «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ» ва «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ҳамчун аломати алоҳидаи бандубасткунандаи ҷиноят муқаррар гардидани дар ҳолати мастӣ вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва (ё) истифодаи воситаи нақлиёт, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон мегардад, гардидааст, аз навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб мешаванд, ки қобили қабул мебошанд.

Мавқеи муаллиф вобаста ба мафҳумҳои «идоракунандаи воситаи нақлиёт», «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ», «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт», коҳиш додани синну соли ҷавобгарӣ аз 16 ба 14-сола, шакли содиршавии кирдор ва дигар масъалаҳое, ки бевосита ба ҷинояти мавриди омӯзиши рисола рабт доранд, асоснок карда шудааст.

Навгонии дигари кори илмии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки диссертант тавонистааст, мутобиқат надоштани мазмуни Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми декабри соли 2009, № 28-ро ба меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ исбот созад ва вобаста ба он таклифу пешниҳодҳои худро матраҳ намояд.

Дар баробари ин, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчунин коркардҳои дигари вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҷиноятии тақризшаванда дар миён гузошта шудаанд, ки аз нигоҳи мо қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ мебошанд.

**Асоснок ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Назару андешаҳои муаллиф ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз шубҳа орӣ буда, хулосаҳои дар он оварда натиҷаи таҳлили муқаррароти илмӣ-назариявӣ, таҷрибаи амалияи тафтишотиву судӣ, инчунин омори расмӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

Диссертатсия кори илмӣ-тадкиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, моҳиятан мутобиқ бо тахассуси интихобшуда таҳия ва омода шудааст. Натиҷаҳои илмии аз он ба дастомада, метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин криминология, дар амри пешбинии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, муайян гардидани кирдорҳои алоҳидаи он ва ҳамчунин таркиби ҷинояту тавсифи криминологии ин гуна кирдорҳо мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Диссертатсия таҳқиқоти комил ва хотимаёфтаи илмӣ буда, мазмуни ягона дорад ва он вобаста ба ҷанбаҳои мухталифи назариявию амалӣ дар шакли матраҳ гардидани суолҳои алоҳида таҳия шудааст. Суолҳои алоҳида ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар ҳамбастагӣ мазмуни ягона доранд ва дар маҷмӯъ таҳлили илмӣ-назариявии ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дарбар мегиранд.

Аз натиҷаи таҳлили матни диссертатсия дида мешавад, ки дар он ақидаҳои мухталифи илмӣ-назариявии олимони соҳа оварда шудаанд ва ҳамзамон онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои ҷудогона ба ғайр аз таъйиди коршиносону олимон ва муқаррароти илмӣ, инчунин бо маводи таҷрибаи амалӣ ва судӣ, нишондодҳои мушаххас аз омори расмӣ асоснок карда шудаанд. Пуррагии таҳқиқотро, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои-аъзои ИДМ оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт нишон медиҳад. Ҳолатҳои зикргардида аз асоснок ва боэътимод будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Асоси методологии тадкиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва равандҳои ҷамъиятӣ гузаронида шудааст. Дар рафти баррасии суолҳои алоҳида ва мавзӯъ дар умум, инчунин усулҳои умумӣ-илмӣ, аз қабили муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлил, тасниф, инчунин усулҳои махсуси

илмӣ: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ васеъ истифода бурда шудаанд. Бо истифода аз ин усулҳо, муаллиф таҳлили пурраи паҳлӯҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ мавзӯи интихобшударо анҷом додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии он амалан метавонанд, дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, таърихи ташаккул ва асосҳои рушду такмили он, тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ, пешгӯиҳои криминологӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ истифода бурда шаванд. Бахусус, саҳми шахсии муаллиф дар шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои алоҳида ва аҳаммияти онҳо назаррас аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, аз ҷумла, омӯзиши мавзӯъҳои вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мавзӯъҳои алоҳидаи қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонанд, истифода карда шаванд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф оид ба номукаммал будани меъёрҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, ки онҳо дар асоси таҳлили маълумотҳои оморӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ бароварда шудаанд, барои таклими қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, санадҳои меъёрии соҳавӣ ва санадҳои вобаста ба он, инчунин дар банақшагирии криминологӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиби натиҷаҳои тадқиқот.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф, дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки фарогири паҳлӯҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мебошанд.

Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда дар фаъолияти мақомоти олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ворид карда шудаанд. Иловатан, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 конференсияи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба табъ расидаанд.

Дар доираи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф як дастури таълимӣ ба чоп расонида шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳангоми

гузаронидани дарсҳои таълимӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт матраҳ шудаанд, ки ин аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот аз пешгуфтор, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 217 саҳифаро дарбар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамояд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, мазмуну моҳият мухтасар ва бобу зербобҳои диссертатсия ба ба таври кофӣ мукаммал инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар натиҷаи шиносоӣ бо матни диссертатсия дида мешавад, ки он дар доираи мавзӯи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти унвони «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва коррупсионӣ» иҷро шудаст.

Аз ин рӯ, мавзӯи интихобшуда, ки таҳқиқи ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дарбар мегирад, ба ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ихтисоси мазкур

мувофиқ аст.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб мавҷуданд, ки барои шарҳу тавзеҳи онҳо муаллиф бояд дар рафти ҳимоя таваҷҷуҳ бештар зоҳир намояд:

**1.** Аз мундаричаи рисолаи илмии мазкур дида мешавад, ки сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас муайян карда шудаанд. Аммо, новобаста аз таҳлили пайдарҳами қонунгузорӣ муаллиф дар кори мазкур масъалаи тафриқагузории вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро бо дигар ҷиноятҳои нақлиётӣ дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор надодааст. Аз ин лиҳоз, беҳтар мебуд муаллиф андешаҳои худро барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур иброз дорад;

**2.** Дар саҳ. 68 диссертант қайд менамояд, ки «КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон кардани қоидаҳоро, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии шахс мегарданд, дар қ. 1 м. 212 КҶ ҶТ муқаррар намудааст. Аммо, чунин оқибат (зарари миёна) агар ҳангоми дар ҳолати мастӣ идора намудани воситаи нақлиёт ба миён ояд, дар м. 212 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Аз ин метавон чунин натиҷа гирифт, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳолатро нодида гирифтааст. Ба андешаи мо, ин ҳолат холигии қонунгузории моро нишон медиҳад». Мувофиқ будан бо ин мавқеи маллиф душвор аст. Зеро, мантиқан дар ҳолати содир намудани кирдори мазкур шахс мутобиқи қ. 1 м. 212 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Аз ин лиҳоз, барои равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур шарҳи муаллиф тақозо карда мешавад;

**3.** Омӯзиши кори илмии мазкур нишон медиҳад, ки дар он воқеан корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷие, ки дар қисмати «Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ» (С. 7-9) нишон дода шудаанд, дар сатҳи зарурӣ ва ба маврид истифода гардида, нуктаҳои назари олимон оид ба ин ё он масъала хондани рисоларо шавқовар гардонидааст. Аммо, новобаста аз паҳлӯҳои мусбати диссертатсия, муаллиф ҳангоми баррасии мундариҷавии тарафи субъективии ҷиноят мавқеи олимонро гурӯҳбандӣ

намуда, бе далелҳои кофӣ назари бархе аз онҳоро ҷонибдорӣ менамояд (С. 150-151). Вобаста ба ин масъала, шарҳи довталабро ҳангоми ҳимояи рисола мақсаднок мешуморем.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, аз ҷиҳати илмӣ мубоҳисавӣ буда, аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаи баррасӣ кардашудаи муаллиф мароқангез буда, он метавонад таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти комилан анҷомёфта мебошад, дорои навгониҳои кифояи илмӣ аст ва он дар инкишофи минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонад ҳамчун саҳифаи тоза нақши муҳим ва назаррас гузорад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10, 11, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, № 505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, инчунин ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мусоидат хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Рисолаи тақризшаванда аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам, бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Автореферат ва корҳои илмии чопшуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт нақши бориз хоҳанд дошт. Пешниҳод,

хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ равона шудаанд.

Ҳамин тариқ, Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботҳои «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Зокирзода З.Х.**

**Имзои Зокирзода З.Х.-ро тасдиқ мекунам: Нозири Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт** **Абдулов С.М.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 734025, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63
**Тел. корӣ: (8) 313121103.**
**E-mail:** zafar.khayrullozoda@mail.ru